## ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи илмии Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзӯи: «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Triticum aestivum* l.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироатчигии умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст.**

Бехатарии ҷаҳонии озуқаворӣ самтгирии ҷиддии илм дар бораи растаниҳо, беҳтаршавии сифати зироатҳои кишоварзӣ ва техникаи истеҳсоли ғалладонаро дар даҳсолаи наздик бастубанди таҳкикот ва коркарди ошкорсозии ба иқлим тобоварии онҳо, инчунин ба вуҷуд овардани навъҳо ва намунаҳои нави сифатан беҳтари ғалладонаро тақозо менамояд.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки мақсади кори илмии ба анҷомрасонидаи унвонҷӯ Резмонова Қ.Ш. омӯзиши аломатҳои морфологӣ ва ҷиҳати хоҷагидорӣ арзишманди намунаҳои нави гандуми мулоими аз коллексияи ҷаҳонӣ - Институти умумироссиягии растанипарварии Федератсияи Россия (ИУР-и Федератсияи Россия) гирифташуда, дар шароити иқлим ва истифодаи нурии маъданиии маҷмаъвии нитроаммофоска дар ҷануби Тоҷикистон аз ҷумла дар шаҳри Бохтар парваришгашта, ба шумор меравад.

Вазифаҳои таҳқиқот бошад чунинанд:

1. Омӯзиши хусусиятҳои сабзиш ва рушд, аломатҳои морфологӣ ва давраи нашъу намои намунаҳои гандуми мулоим;

2. Хусусиятҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ муфиди намунаҳои ояндадори гандуми мулоим аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон;

3. Муайян кардани нишондиҳандаҳои биохимиявии тухмӣ дар намунаҳои гандуми аз коллексияи ҷаҳонии ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷанубӣ Тоҷикистон;

5. Таъсири нурии нитроаммофоска ба ҳосилнокии намунаҳои гандум дар шароити водии Вахши Тоҷикистон;

6. Муайян намудани самараи иқтисодии парвариши намунаҳои нави гандуми овардашуда дар шароитии ҷануби Тоҷикистон.

Унвонҷӯ Резмонова Қ.Ш. хусусиятҳои афзоиш ва сабзишу ҳосилнокии намунаҳои нави гандуми мулоими аз ИУР-и ба номи Н.И. Вавилов оварда шударо, дар шароити иқлимӣ ва дар баландии 430 метр (ш. Бохтар) боистифодаи вазнҳои гуногуни физикии(300, 400 ва 500 кг/г) нурии маъдани нитроаммофоска дар шароити оббиёрӣ ва беоббиёрӣ омӯхта, ба натиҷаҳои арзишманди иқтисодӣ ва амалӣ ноил гардидааст.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки унвонҷӯ Резмонова Қ.Ш. дар муқоиса ба хусусиятҳои морфологии навъи назоратии «Ормон», 15 намунаҳои нави гандуми коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити иқлими ҷануби Тоҷикистон ҳаматарафа омӯхтааст. Ҳангоми кишт ворид намудани нури маъдании нитроаммофоска, маҳсулнокӣ ва сифати дони намунаҳои нави гандуми муллоими аз коллексияи ҷаҳониро дар шароити гарми ва норасогии намии вилояти Хатлон натиҷагири намуда, ба он баҳои илмӣ додааст. Албатта аз тарафи унвонҷӯ бори аввал алоқамандии аломатҳои гуногуни намунаҳои нави арзишманди гандуми мулоими аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дастрасшударо дар иқлими гарми ҷануби Тоҷикистон муайян карда, аҳамияти илмӣ доштани натиҷаи гирифтаашро дар иҷроиши корҳои илмии слексионӣ дарҷ намудааст. Ҳосилнокии намунаҳои навро нисбати навъи назоратии «Ормон»1,5-2,4 маротиба баланд буданро нишон додааст.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ арзишманд будани намунаҳои нави гандуми мулоими аз коллексияи ҷаҳонӣ гирифтаро бо натиҷаҳои маҳсулнокӣ ва муайян намудани сифати дони онҳо, ки дар масоҳати 5 га дар шароити заминҳои филиали Институти зироаткории дар шаҳри Бохтар парваришнамуда, нишон медиҳад.

Дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, ба табъ расонидани 7 мақола аз тарафи Резмонова Қ.Ш. ва дар умум 21 мақола натиҷаҳои илмии гирифтааш шаҳодат медиҳанд, ки кори илмии иҷрогашта аз тарафи унвонҷӯ рисолаи мукамал ва ба анҷомрасида мебошад.

Ҳамин тавр, метавон қайд намуд, ки рисолаи илмӣ дар мавзӯи **«Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Triticum aestivum* L.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон»**, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироатчигии умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст, кори илмии бомаврид ба шумор рафта, бо аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Резмонова Қурбоной Шарифовна барои ба даст овардани унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироатчигии умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Мудири шӯъбаи селексияи пахтаи миёнанахи филиали Институти «Зироаткорӣ»-и Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, дар вилояти Хатлон, номзади илмҳои кишоварзӣ (аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-Зиратчигии умумӣ, растанипарварӣ) ____________________Абдуллоев М.Н.

Имзои н.и.к. Абдуллоев М.Н-ро тасдиқ менамоям.

Нозири шуъбаи кадрҳо:____________________ Сайфов И.С.

***Суроғаи хизматӣ:***735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
шаҳри Бохтар
Тел. (+992) 987629925; E.mail: Flziroatkor-khatlon@mail.ru 07.07.2025